**Кумитаи рушди маҳали**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Қарори ҷаласаи сайёри ҳайати мушовара**

аз «30» апрели соли 2019 №2/1

н. Варзоб

Дар бораи натиҷаи таҳлили рафти татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 - 2020» дар давоми солҳои 2016 - 2018 ва вазъи иҷрои супоришҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» дар соли 2019

Маҷлиси ҳайати мушовараи Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи болозикри рӯзномаро мавриди муҳокима қарор дода қайд менамояд, ки рафти иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №АП-1146 Нақша - чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд ва ҷараёни татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020», ки бо қарори маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Варзоб аз 30 июли соли 2015, №24 тасдиқ карда шудааст, барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб заминаи ҳуқуқӣ гузошта, барои ноил гардидан ба як қатор дастовардҳо мусоидат намудааст.

Ба ҳолати 01.01.2019 сол аҳолии ноҳия 87,2 ҳазор нафарро ташкил дода, дар 7 ҷамоат, аз ҷумла ҷамоати Лучоб, Чорбоғ, С.Айнӣ, Варзоб-қалъа, Деҳмалик, Зидеҳ ва Такоб зиндагӣ менамоянд.

Дар ҳудуди ноҳия ёдгориҳои таърихӣ – зиёратгоҳҳои Хоҷасангхок ва Хоҷа Оби Гарм мавҷуд мебошанд. Ноҳия аз канданиҳои фоиданоки табиӣ ангишт (бо захираи 45 млн. тонна), сангҳои нодиру қимматбаҳо, аз ҷумла, квартс, тахтасангҳои мармар (дар мавзеи Зидеҳ ҷамоати деҳоти Зидеҳ), волфрам ва тилло (дар мавзеи Майхури ҷамоати деҳоти Зидеҳ), конҳои калони маъданӣ барои истеҳсолоти семент зарурӣ (дар мавзеҳои Харангон ва Даҳанаи ҷамоати деҳоти ба номи С.Айнӣ) бой мебошад.

Барои муайян намудани самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои давраи миёнамуҳлат ҳуҷҷати асосӣ Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2016 - 2020 таҳия гардида, бо қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Варзоб аз 30.07.2015 с., №24 тасдиқ карда шудааст.

Ба Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия 215 лоиҳаи афзалиятнок бо маблағи 228 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 100 лоиҳа ба бахши иқтисодӣ бо маблағи 95,7 млн. сомонӣ ё 41,9%, ба бахши иҷтимоӣ 42 лоиҳа бо маблағи 67,3 млн. сомонӣ ё 29,5%, ба бахши инфрасохтор 64 лоиҳа бо маблағи 63,7 млн. сомонӣ, ба бахши идоракунӣ 9 лоиҳа бо маблағи 1,2 млн. сомонӣ ё 0,5% рост меояд, яъне дар барнома ба рушди иқтисодии ноҳия афзалият дода шудааст.

Аз ҳаҷми умумии маблағгузории лоиҳаи чорабиниҳои барнома ба ҳиссаи сармоягузории хориҷӣ 32,7% (74,6 млн. сомонӣ) ва маблағи маблағгузориаш номуайян 9,5% (21,8 млн. сомонӣ), ҳамагӣ 42,2%-ро ташкил медиҳад, ки бояд фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия барои беҳтар намудани фазои инвеститсионӣ ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузории хориҷӣ равона гардад.

Таҳлилҳои гузаронидашуда муайян намуданд, ки дар давоми солҳои 2016 – 2018 корҳои анҷомдодаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб дар доираи ваколатҳои пешбининамудаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ дар раванди татбиқи сиёсати соҳавӣ барои амалигардонии лоиҳа – чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 - 2020», вазъи марҳилавии рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро дар сатҳи муайян таъмин намудааст.

Вале, аз ҳолатҳои алоҳида муайян гардид, ки барои амалигардонии барнома самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб оид ба риояи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» моддаи 8 «Ваколати Маҷлиси вакилони халқ» - назорати иҷрои Барнома ва моддаи 20 «Ваколати раиси ноҳия» - оид ба рафти иҷрои Барнома дар иҷлосия ҳисобот медиҳад, дар сатҳи зарурӣ таъмин карда нашуда, баррасии он дар иҷлосияҳо ташкил карда нашудааст.

Дар як вақт, муқаррароти боби 7 «Низоми мониторинг ва арзёбӣ» рафти татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 – 2020» мавриди иҷро қарор дода нашуда, гурӯҳи

мониторинг ва арзёбӣ ташкил карда нашудааст, ки барои мушоҳидаи корҳо, таҳлили натиҷаҳои ба дастомадаи барнома мушкилотҳоро пеш овардааст.

Айни замон қарори раиси ноҳияи Варзоб аз 25 январи соли 2019 с., №20 «Дар хусуси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»» ба тавсиб расонида шудааст, ки дар асоси ин қарор шахсони масъули ноҳия амалишавии лоиҳаҳои барномаро назорат бурда, аз натиҷааш мониторинг ва арзёбии барнома ба раиси ноҳия ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш манзур менамоянд.

Дар давоми солҳои 2016 - 2018 маблағи ба нақша гирифтаи чорабиниҳо, ки бояд аз худ карда мешуданд 149,2 млн. сомонӣ буда, ба соҳаҳои тандурустӣ 32,9 млн. сомонӣ (22%), таъмири роҳҳо 21,98 млн. сомонӣ (14,7%), соҳибкорӣ 21,2 млн. сомонӣ (14,2%), саноат 19,9 млн. сомонӣ (12,7%), кишоварзӣ 19 млн. сомонӣ (8,7%), маориф 9,5 млн. сомонӣ, сохтмон 9,5 млн. сомонӣ (6,3%), оби нӯшокӣ 8,1 млн. сомонӣ (5,4%) ва барқтаъминкунӣ 5,3 млн. сомонӣ (3,5%) рост омада, азхудкунии онҳо барои рушди соҳаи тандурустӣ, таъмири роҳҳо, соҳибкорӣ, саноат ва маориф нақши калидӣ доштанд.

Ҳамзамон, маблағи умумии азхудкардашудаи барнома дар давоми солҳои 2016-2018 71,41 млн. сомониро ташкил додааст, ки азхудкунии маблағи лоиҳа-чорабиниҳо ба 47,7% рост меояд.

Ҳиссаи азхудкардашудаи маблағи лоиҳа-чорабиниҳои барнома ба соҳибкорон 44,2% (31,6 млн. сомонӣ), сармояи хориҷӣ 22,2% (15,8 млн. сомонӣ), буҷети ҷумҳурӣ 18,3% (13,1 млн. сомонӣ), ташкилоту идораҳо 10,1% (31,6 млн. сомонӣ), буҷети маҳаллӣ 5,2% (3,7 млн. сомонӣ) рост омодааст, ки саҳми соҳибкорон дар амалигардонии лоиҳа-чорабиниҳои барнома боиси қайд мебошад.

Нишондиҳандаи баланди азхудкунии маблағгузории лоиҳаҳо дар соҳаи саноат 109%, соҳибкорӣ 93%, фарҳанг 59,2%, ҳолатҳои фавқулодда 55,5% ва барқтаъминкунӣ 50,5% таъмин гардида, нишондиҳандаи пасти он дар соҳаи таъминот бо оби нӯшокӣ 1,23%, идоракунӣ 10,7%, тандурустӣ 10,7%, партовҷамъкунӣ 13%, сохтмон 19% ба назар мерасад.

Бояд қайд намуд, ки азхудкунии маблағҳои лоиҳа-чорабиниҳои ба нақша гирифтаи барнома дар соҳаи муҳити зист ва сайёҳӣ умуман таъмин нагардидааст, ки тақвияти ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатиро тақозо менамояд.

Дар ин давра, шумораи лоиҳаҳои ичронагардида 100 адад ва маблағи азхуднагардида 74,79 млн. сомониро ташкил додааст, ки ба соҳаҳои тандурустӣ 17,35 млн. сомонӣ (23,1%), сохтмон 15,81 млн. сомонӣ (21,1%), соҳибкорӣ 7,8 млн. сомонӣ (10,4%), таъмири роҳҳо 4,5 млн. сомонӣ (6%), маориф 4,5 млн. сомонӣ (6%), муҳити зист 3,2 млн. сомонӣ (4,2%) ва оби нӯшокӣ 2,91 млн. сомонӣ (3,8%) рост омада, аз ин ҳисоб ба рушди соҳаҳои болозикр таъсири манфӣ расонидааст.

Сабабҳои иҷро нагардидани лоиҳаҳои барнома, ки сарчашмаи маблағгузориашон номуайян ва сармоягузории хориҷӣ мебошанд, ин пеш аз ҳама, дар доираи барнома кор набурдани масъулини мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб бо мақомотҳои дахлдори марказӣ ва дуруст ба инобат нагирифтани манбаъҳои маблағгузорӣ ифода мегардад.

Илова ба ин, татбиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», «Салоҳияти Ҷамоат дар соҳаи иқтисод ва молия» мавриди амалигардонӣ қарор дода нашудааст, яъне таҳия ва тасдиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар ҳудуди ноҳия ташкил ва ба роҳ монда нашудааст.

Дар раванди таҳлили иҷрои натиҷаҳо мувофиқи индикаторҳои пешбининамудаи барнома муайян гардид, ки амалигардонии лоиҳа-чорабиниҳои барнома ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия таъсири мусбӣ расонидааст.

Вобаста ба ин, натиҷаи иҷрои нишондиҳандаҳои пешбининамудаи барнома, дар соҳаи рушди соҳибкорӣ, варзиш, идоракунӣ, барктаъминкунӣ, таъмири роҳҳо, ҳолатҳои фавқулодда, маориф, фарҳанг, кишоварзӣ таъмин гардида, рушди ин соҳаҳоро дар сатҳҳои муайян таъмин намудааст, ки таъсири амалигардонии лоиҳа-чорабиниҳои барномаро ба рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия инъикос менамояд.

Таъмини нишондиҳандаҳои пешбини- намудаи барнома дар соҳаи саноат, тандурустӣ, шуғли пурмаҳсул, рушди сайёҳӣ, ҳифзи муҳити зист, партовҷамъкунӣ, соҳаи сохтмон андешидани чораҳои иловагӣ барои иҷрои ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ва татбиқи сиёсати мақомотҳои марказиро тақозо менамояд.

Ҳамзамон, муайян гардид, ки дар таҳияи матнии барнома, ҳисоби маблағи умумии он, миқдори воҳиди ченаки лоиҳа-чорабиниҳо, пешбинӣ намудани рақамҳои индикаторҳои лоиҳа-чорабиниҳои барнома ва вобаста аз ҳолати воқеӣ ворид намудани индикаторҳои иловагӣ норасоиҳо ба назар расида, такмил ва таҷдиди барнома, ҷиҳати мутобиқ намудани он ба ҳадаф ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва Нақша-чорабиниҳои корҳои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Варзоб ба миён омадааст.

Вобаста ба супоришҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019, ки иҷрои саривақтии онҳо ба вазъи марҳилавии рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия таъсири мусбӣ расонида, иҷрои лоиҳаи чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 - 2020 таносуби роста дорад.

Ҷиҳати амалӣ намудани Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 дарҷ гардидаанд, ки бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 январи соли 2019, №АП-1146 тасдиқ карда шудааст, қарори раиси ноҳияи Варзоб аз 22 январи соли 2019, №13 ба имзо расида, барои иҷрои он сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳия вазифадор карда шудаанд.

Раванди омӯзиши таъмини вазифаҳои Нақша-чорабиниҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуданд, ки аз ҷониби сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия Нақша-чорабиниҳои мушаххас оид ба вобастакунии он бо амалигардонии лоиҳа-чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 - 2020 ва роҳҳои амалигардонии вазифаҳои Нақша-чорабиниҳои паём ба роҳ монда нашудааст, ки ба таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ва татбиқи сиёсати соҳавии мақомотҳои марказӣ андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

Бо назардошти таҳлили гузаронидашуда, барои саривақт ва самаранок иҷро намудани Нақша-чорабиниҳо,ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеоянд, вусъат додани низоми банақшагирии стратегӣ дар сатҳи маҳал, татбиқи сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияро барои давраи миёнамуҳлат ва расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, инчунин Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ба ин васила, таъмини пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии ноҳияи Варзоб ҷаласаи сайёри ҳайати мушовараи Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Маълумотнома оид ба натиҷаи таҳлили рафти татбиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020» дар

давоми солҳои 2016 – 2018 ва вазъи иҷрои дастуру супоришҳо, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар соли 2019, ба инобат гирифта шаванд.

2. Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал вазифадор карда шавад, ки:

– дар ҳамкорӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» барои ба роҳ мондани назорати иҷрои барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Варзоб ва ташкил намудани ҳисобот дар иҷлосияҳои Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз ҷониби роҳбарияти ноҳия, иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ташкили гуруҳи корӣ оид ба мониторинг ва арзёбии барнома чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд;

– ҷиҳати гузаронидани такмили низоми идоракунии маҳаллӣ ва дақиқан ҷудо намудани ҳуқуқҳо ва уҳдадории иштирокчиёни Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрак ва деҳот ва риояи талаботи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи худидоракунии шаҳрак ва деҳот» дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб пешниҳодҳоро омода намоянд;

– барои таъмини ҳифзи амнияти озуқаворӣ дар ҳамкорӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҳамкориҳо барои амалигардонии Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб дар самти рушди соҳаи кишоварзӣ якҷоя бо Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, кишоварзӣ, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ барои кам намудани заминҳои боир, бартараф намудани норасоии техникаи кишоварзӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ба оби полезӣ, тухмии зироатҳо, ташкили корхонаҳои коркарди меваю ангур, пӯсту пашм, бунёди сардхонаҳо, таъмини меъёри физиологии истеъмоли озуқа ба ғайр аз маҳсулоти ширӣ мусоидат намоянд;

– барои расидан ба ҳадафи афзалиятдоштаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оиди гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ - аграрӣ дар ҳамкорӣ ва Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб барои таъсиси корхонаҳои коркарди ашёи хоми дар барномаи пешбинӣ гардида, ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва устувории лоиҳаҳои татбиқгардида тадбирҳо андешанд;

– ҷиҳати ҳалли мушкилот ва ба роҳ мондани ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб барои баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ, ташкили Ассосиатсияи соҳибкорони ноҳия, амалигардонии «300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ», ҷалби соҳибкорон барои амалигардонии лоиҳа – чорабиниҳои барнома мусоидат намоянд;

– дар якҷоягӣ бо Вазоратҳои молия, маориф, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, адлия, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаҳои ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, ҳифзи муҳити зист, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб барои амалигардонии лоиҳа-чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 – 2020 дар соҳаи сохтмон ҷиҳати фароҳам овардани шароити корӣ ба сохторҳои ҳудудии мақомотҳои марказӣ дар ноҳия ба ҳамкориҳо тақвият бахшанд;

– бо мақсади баланд бардоштани нишондиҳандаи рушди сармояи инсонӣ дар ҳамкорӣ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб барои амалигардонии лоиҳа – чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 - 2020 ҷиҳати бунёди муассисаҳои таълимӣ, томактабӣ, зиёд намудани фарогирии кӯдакони томактабӣ бо таҳсил ва бартараф намудани норасоии китобҳои дарсӣ ва омӯзгорон тадбирҳои иловагӣ андешанд;

– дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил, ВНМО) ва дақиқ ба роҳ мондани бақайдгирии

шумораҳои оилаҳои камбизоат чораҳои иловагӣ андешида, барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати амалигардонии лоиҳаҳои дар Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 – 2020 пешбинигардида мусоидат намоянд;

– барои ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоии маҳал оид ба вусъати шуғли пурмаҳсул дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ҷиҳати кам намудани шумораи бекорон, таъсиси ҷойҳои корӣ, ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ ба корҳои ободониву бунёдкорӣ, рушди инфрасохтори деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, баланд бардоштани самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ, иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ва расидан ба афзалияти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 чораҷӯӣ намояд;

– дар ҳамкорӣ бо Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ барои рушди сайёҳӣ ба соҳибкорони ноҳия, таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии хизматрасонии соҳаи сайёҳӣ дар раванди таъсиси ширкатҳои сайёҳӣ ва ташкили маркази бақайдгирии сайёҳон кӯмак расонанд;

– барои таъмини рушди соҳаи варзиш якҷо бо Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб дар раванди амалигардонии лоиҳаҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 – 2020 шароити мусоидро барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ, ба ташкилоту муассиса ва соҳибкорони ноҳия фароҳам овардани заминаи сатҳи баланд бардоштани оммавигардонии варзиш, ташаббуси шаҳри Душанбе оид ба гузаронидани машқҳои варзишӣ аз ҷониби кормандони ташкилоту муассисаҳо дар ҷойҳои оммавии варзишӣ, таблиғи тарзи ҳаёти солим, иштироки васеи варзишгарони ноҳия дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ чораҳои зарурӣро роҳандозӣ намоянд;

– барои таъмини рушди соҳаи фарҳанг дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб оид ба зиёд намудани шумораи китобхонаҳои оммавӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

– ҷиҳати суръат бахшидан ва азхудкунии маблағҳои лоиҳа чорабиниҳои барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия дар якҷоягӣ бо КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб бо мақсади беҳтар намудани дараҷаи дастрасии аҳолии ноҳия бо оби нӯшокӣ хусусан дар Ҷамоати деҳоти «Зидеҳ» ва Ҷамоати шаҳраки «Такоб» чораҳои зарури андешанд;

– дар ҳамкорӣ бо ШСХК «Барқи Тоҷик», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ҷиҳати баланд бардоштани таъминот бо ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, кам намудани қарзҳои ҳаққи истифодаи нерӯи барқ хусусан аз ҳисоби аҳолӣ ва амалигардонии лоиҳаҳои дар Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020 пешбинигардида чораҳои мушаххас андешанд;

– барои ҳалли саривақтии масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта ва рушди инфрасохтори нақлиёт дар ҳамкорӣ бо Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «Хоҷагию манзилию коммуналӣ», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ҷиҳати таъмиру азнавсозии роҳҳои дохилии деҳаҳо, ҷалби соҳибкорон ва аҳолии ноҳияро барои амалигардонии лоиҳа - чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020 пурзӯр намуда, татбиқи онҳоро ташкил намоянд;

– барои таъмини ҳолати хуби экологӣ ва ташкили хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб ҷиҳати азхудкунии маблағҳои лоиҳа дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла ҷамъоварии партовҳо, хусусан дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2011 с., №97 «Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор» ва ташкили хизматрасонии босифати коммуналӣ ва маишӣ ба аҳолии ноҳия чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд;

– дар ҳамкорӣ бо Кумитаҳои ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб барои ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ, истифодаи дигар роҳҳои алтернативии (шанбегӣ, истифодаи маблағҳои аҳолӣ, кӯмаки хайриявӣ) амалигардонии лоиҳа ва кам намудани хавфи ҳолатҳои фавқулодда чораҳои заруририро роҳандозӣ намоянд;

– дар ҳамкорӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб барои гузаронидани такмил ва таҷдиди Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020, мутобиқ намудани он ба ҳадаф ва афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва Нақша-чорабиниҳои корҳои ободонию бунёдкорӣ ба мунисбати 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Варзоб пешниҳодоро омода намоянд.

3. Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал барои иҷрои супоришҳои Нақша - чорабиниҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Варзоб вобаста ба амалигардони лоиҳа - чорабиниҳои «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020» ва истифодаи роҳҳои амалигардонии иҷрои супоришҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмаки методӣ ва амалиро ташкил намояд.

4. Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал барои ислоҳи норасоиҳои дар рафти Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016 – 2020, супоришҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷиҳати таҳияи Нақша – чорбиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб дар давоми 1 моҳ мусоидат намуда, аз рафти иҷрои он ҳар семоҳа ахборот омода намояд.

5. Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳал аз рафти иҷрои бандҳои қарори ҷаласаи сайёри ҳайати мушовара ҳар семоҳа ба роҳбарияти Кумита маълумот пешниҳод намояд.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумита Исмоилзода Ёқуб Борон гузошта шавад.

Раиси ҷаласаи ҳайати мушовара,
Раиси Кумита — Қосим Роҳбар